الإسلام سؤال وجواب
أسسه وأشرف عليه: الشيخ محمد صالح المنجد

# 13246 - Оиди саҳеҳ будани ҳадиси «Ихлос сирре аз сирҳои Ман аст».

## савол

Дараҷаи ҳадиси қудсии **«Ихлос сирре аз сирҳои Ман аст. Ман онро дар дили бандаҳое, ки дӯст медорам, қарор медиҳам»** чӣ гуна мебошад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин ҳадис хеле заиф ё мавзуъ (бофташуда) аст.

Қазвинӣ ин ҳадисро дар "Мусалсалот"-и худ ривоят кардааст, чуноне ки Ироқӣ дар китоби "Тахриҷу иҳёи улуми-д-дин» (4/365) – аз ҳадиси Ҳузайфа (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) –  гуфтааст: Дар санади он Аҳмад ибни Ато Ал-Ҳуҷаймӣ ва Абдулвоҳид ибни Зайд вуҷуд доранд, ки ҳарду матрук мебошанд.

*(Ҳадиси матрук ҳадисест, ки онро танҳо як ровӣ ривоят намудааст, ки донишмандон бар заиф будани ӯ иҷмоъ кардаанд ва ё ин ровӣ (ривояткунанда) муттаҳам ба дурӯғ аст ва ё аз ӯ дар муомила бо мардум дурӯғ содир шудааст).*

Ҳамчунин Дайламӣ ин ҳадисро дар "Муснаду-л-фирдавс" (3/187) аз Алӣ ва Ибни Аббос ривоят кардааст.

Ҳофиз ибни Ҳаҷар дар китоби "Фатҳу-л-борӣ" (4/109) гуфтааст: Ҳадиси бениҳоят заиф мебошад.